ХУЛОСАИ
шурои диссертатсионии 6D. КОА-21 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзад ва доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 05.01.2023, №29

Барои сазовор донистани Халиков Масъудҷон Ғафурович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

Диссертатсияи Халиков Масъудҷон Ғафурович дар мавзуи «Муродифот дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ рӯзи 20.10.2022 (қарори №23) аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D. КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) барои ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Халиков Масъудҷон Ғафурович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23-юми марти соли 1983 дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон, дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Солҳои 2004-2009 дар факултети шарқшиносӣ (забонҳои Осиё ва Аврупо)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намуда, солҳои 2014-2017 аспиранти шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ буд.

Халиков Масъудҷон Ғафурович солҳои 2010-2011 муаллими забони арабии Маркази забономӯзӣ ва компютерии «Баҳор»-и шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон, солҳои 2011-2014 мутахассиси раёсати таҳлил ва ташхиси диншиносии Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати ҶТ буда, аз соли 2019 то ҳол ба ҳайси мусаҳҳеҳ-ҳуруфчини Маркази табъу нашр, тарҷума ва баргардони ДМТ кору фаъолият мекунад.

Диссертатсия дар шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ичро шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илми филология, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Султон Ҳасан Баротзода мебошад.

Муқарризони расмӣ:

Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии МДТ «Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ «МИСиС» дар шаҳри Душанбе»;

Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, номзади илми филология, дотсент Қурбонов М.А., номзади илми филология, дотсенти кафедраи мазкур Раҳмонов Б.Н., котиби илмии ҷаласа Юсупов Ш.Р. ва бо имзову муҳри ректори муассиса, доктори илми таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло пешниҳод шудааст, қайд

менамояд, ки диссертатсияи номзадии Халиков Масъудҷон Ғафурович дар мавзуи «Муродифот дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ бо назардошти муқаррароти бандҳои 31-33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз ин 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маҷмуаҳои илмии дигар ба нашр расидаанд.

1. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶумҳуриитТоҷикистон

[1-М]. Холиқов, М. Шакли ҷамъбандии иктибосоти арабӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» /М.Холиқов [Матн] //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/3(203). – С. 69-73.

[2-М]. Холиқов, М. Истеъмоли вожаи Худованд дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» /М.Холиқов [Матн] //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/1. – С. 103-108.

[3-М]. Холиқов, М. Корбурди муродифоти ҷуфтистеъмоли арабӣ-тоҷикӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» /М.Холиқов [Матн] //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/3. – С. 140-144.

[4-М]. Халиков, М. Муродифҳои пайиҳам ва воситаи алоқаи онҳо (дар заминаи китоби «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» /М.Халиков [Матн] // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2021. – №2. – С. 61-71.

[5-М]. Халиков, М. Калимасозии вандҳо дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» /М.Халиков [Матн] //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №3. – С. 133-137.

[6-М]. Баротзода, С.Ҳ. Халиков М. Ҷойгоҳи муродифҳои ҷуфти устувор ва ноустувор дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» /С.Ҳ.Баротзода, М.Халиков [Матн] //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №2. – С. 11-17.

2. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои дигари илмӣ

[7-М]. Холиқов, М. Баъзе махсусиятҳои луғавии «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» /М.Холиқов [Матн] //Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо» (ш.Душанбе, 22 декабри соли 2020). – Душанбе, 2020. – С.426-428.

[8-М]. Халиков М. Нақши забони арабӣ дар пайдоиши муродифоти забони тоҷикӣ (дар асоси китоби «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ») /М.Халиков [Матн] //Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2021. – С.1173-1176.

[9-М]. Халиков М. «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ва ҷойгоҳи муродифот дар он /М.Халиков [Матн] //Анвори дониш. Маҷмуаи илмӣ (№2). – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2021. – С.139-145.

Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:

1. Дар тақризи ба автореферати диссертатсия навиштаи номзади илми филология, дотсент, декани факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара Самардинов Қ.Н. чунин эрод зикр шудааст:
- бархе ҷумлаҳо ба таҳрири услубӣ ниёз доранд. Масалан, дар ҷумлаи сархати аввали саҳифаи 11 печидагуфторӣ дида мешавад. Дар сархати нуҳуми с.15 низ ин мушкилӣ дида мешавад.

2. Тақризи ба автореферат навиштаи номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Начмиддинова У.С. мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:
- хуб мебуд, агар унвонҷӯ мисолҳои бо забон арабӣ овардаро (с.19, 21) бо овонавис меовард;
- мубҳам овардани иқтибос. Дар с.12 унвонҷӯ аз китоби «Забони миллат – ҳастии миллат» иқтибос овардааст, вале дар он гуфта нашудааст, ки чунин калимот дар кадом асар омадаанд.

3. Дар тақризи ба автореферати диссертатсия навиштаи номзади илми филология, дотсент, мудири идоракнии захираҳои инсонии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Н. чунин эродҳо қайд шудаанд:
- матни русии автореферет ҷо-ҷо бо матни тоҷикӣ мувофиқат намекунад (саҳ.3, 4, 11...);
- дар автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд (саҳ.2, 6, 8...);
- ҳангоми таҳияи қисми муқаддимавии автореферат талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия аз 31 марти соли 2022, №3 ба назар гирифта нашудааст.

Муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор донистанд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ чунин масъалаҳоро муқаррар намудааст:

- шинохти муродифҳо ва муродифҳои ҷуфту пайиҳам барои таҳияи матни интиқодии “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” **як амри зарурист.**

- таҳлил ва баррасии муродифоти ҷуфту пайиҳам аз ҷихати забонӣ ҷолиб буда, бори нахуст дар чунин шакл дар забоншиносии тоҷик **таҳқиқ гардидааст.**

- мавод ва натиҷаи таҳқиқоти мазкур метавонад дар таъини қонунмандиҳои муродифҳои забони тоҷикӣ, ташаккул ва такомули таърихии онҳо, инчунин, омӯзиши марҳилаҳои таърихии рушди забони тоҷикӣ муҳим арзёбӣ гардад. Хулосаҳои назарии таҳқиқ, ҳамчунин, имкон дорад, дар баррасии муродифҳои давраи нави ташаккули забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

- баррасии роҳҳо ва усулҳои ташаккули вожаву истилохоти муродифот ва нишон додани гунаҳои он дар диссертатсия ба таври муфассал **таҳлил гардидаанд.**

Асосҳои назариявии таҳқиқоти мавриди назарро пажуҳишҳои забоншиносии муҳаққиқону эроншиносони ватанию хориҷӣ: Э.Браун, Е.Э.Бертелс, Ю.А.Рубинчик, В.Аракин, О.И.Коурова, В.И.Кодухова, Л.П.Крисин, Н.М.Шанский, А.Ф.Баришников, Н.А.Кузмина, Д.Н.Шмелёв, М.И.Фомина, Ҳабиби Яғмой, Маликушшуаро Баҳор, Парвиз Нотили Хонларӣ, Фараҷуллоҳ Худойпарастӣ, Алиакбари Деҳхудо, Озарнӯши Озартош, Ҳумоюнфаррух, Н.Маъсумӣ, Ш.Рустамов, Н.Бозидов, Б.Камолиддинов, М.Муҳаммадиев, Д.Саймиддинов, М.Н.Қосимова, Ҳ.Маҷидов, Б.Сиёев, Р.Ғаффоров, С.Аминов, А.Ҳасанов, А.Сайидокой, А.Давронов, А.Абдуқодиров, С.Иззатмуродова, Ш.Кабиров, Ю.Нурмуҳаммадов, У.Саъдуллоев, А.Ҷобиров, А.Воҳидов, М.Юсупова, А.Халилов, С.Ҳоҷиев, Ф.Насриддинов, У.Ғаффорова ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтааст.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқро барои навиштани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ доир ба таърихи забони адабӣ ва лексикологияи забони тоҷикӣ метавон истифода бурд. Маводи рисола барои гузаронидани курс ва семинарҳои махсус барои факултетҳои филология ва шарқшиносии макотиби олӣ метавонад хидмат кунад.

Илова бар ин, пажуҳиши мазкур маводи арзишманде барои муҳаққиқони риштаи таърих ва лексикологияи забони тоҷикӣ баҳри шинохти забони порсӣ ва дарӣ дар намунаи нахустин тарҷума ва тафсири Қуръон – «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», шуда метавонад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Саҳми шахсии муаллиф аз муайян намудани ҳадаф ва далелноккунии вазифаҳои таҳқиқ иборат буда, дар ҷамъоварии маводи зарурӣ, коркарди он, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани маколаҳо ва маърузаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Таҳқиқи мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва заҳмати зиёда аз панҷсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-21-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2023 дар бораи ба Халиков Масъудчон

Ғафурович додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июли соли 2022, №210/шд ба ҳайати шуро ворид шудаанд, 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор - 13 нафар, мукобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Хоҷаев Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҷӯраева М.

05.01.2023